**Пешниҳод (Оферта)-и оммавӣ оид ба истифодабарии хизматрасонии Фонди Қарзии Хурди “ИМОН” дар доираи хати қарзи хурд**

Пешниҳод (Оферта)-и **Фонди Қарзии Хурди “ИМОН”** (минбаъд дар матн - Оферта) ба доираи номуайяни шахсони воқеие, ки минбаъд дар матн – **«Қарзгиранда»** номида мешаванд, ба роҳ монда шуда, пешниҳоди расмии **Фонди Қарзии Хурди “ИМОН”** минбаъд дар матн – **«Қарздиҳанда»** оид ба бастани Шартномаи хати қарзи хурд (минбаъд дар матн - Шартнома) бо шартҳои зерин мебошад:

## ИСТИЛОҲОТ ВА МАФҲУМҲО

**Аксепт** – розигӣ. Аксепт бояд пурра ва бечунучаро бошад, лаҳзаи қабули шартҳои Аксепт ҳангоми розигӣ бо оферта эътироф карда мешавад.

**Ариза-дархост** – дархости ҳамроҳ шудан ба Шартнома ва кушодани хати қарзи хурд, ки шакли он аз ҷониби Қарздиҳанда муқаррар карда шудааст.

**Тарафҳо** – Қарздиҳанда ва Қарзгиранда дар якҷоягӣ Тарафҳо мебошанд.

**Қарз** – воситаҳои пулӣ, ки аз ҷониби Қарздиҳанда ба Қарзгиранда бо шартҳои муҳлатнок, музднок ва бозпасгардонӣ дода мешаванд. Кредит инчунин маънои маблағи умумии воситаҳои пулиеро, ки ба Қарзгиранда аз рӯи ҳамаи Траншҳо дода шудаанд, дорад.

**Транш** – қисми маблағи қарз, ки аз ҷониби Қарздиҳанда ба Қарзгиранда қисм ба қисм дода мешавад.

**Ҳудуди қарзгирӣ** – андозаи ниҳоии имконпазири қарздории яквақтаинаи Қарзгиранда аз рӯи ҳамаи Траншҳо, ки аз ҷониби Қарздиҳанда ба Қарзгиранда тибқи шартҳои Шартномаи мазкур дода мешаванд.

**Ҷадвали пардохтҳо** – ҷадвали пардохти қарзи асосӣ ва фоизҳо аз рӯи Транши додашуда, ки ба Қарзгиранда ҳангоми гирифтани ҳар як Транш дар алоҳидагӣ ба таври ҳомили қоғазӣ ва ё электронӣ дода мешавад. Пардохти маблағи қарз аз рӯи Ҷадвали пардохтҳо, ки бо усули баробар (аннуитетӣ) ё нобаробар (дифферентсионӣ) тақсим карда шуда қисми ҷудонашавандаи Шартномаи мазкур ҳисоб меёбад ва барои ҳар як қарзи дар доираи хати қарзӣ пешниҳодшуда, дар алоҳидагӣ тартиб дода мешавад, ба амал бароварда мешавад.

**Уҳдадориҳо** – ҳамаи маблағҳои пулие, ки дар доираи офертаи мазкур, Қарзгиранда бояд ба Қарздиҳанда пардохт намояд, аз ҷумла маблағи қарз, фоизҳои истифодашуда, ҳаққи хизматрасонӣ ва ҷаримаи аҳдшиканӣ
(ноустуворона);

**Низоми иттилоотии Қарздиҳанда** – манбаи маълумотҳои электронии Қарзгирандагоне, ки бо Қарздиҳанда шартнома оиди кушодани хати қарзии хурд бастаанд ва тамоми маълумотҳо оиди қарздории
Қарзгирандагон, дар назди Қарздиҳандаро дар бар мегирад.

**Мушаххаскунӣ** – тартибе, ки дар натиҷаи иҷрои он Қарзгиранда бо мушаххасоти инфиродӣ ва ягонаи дар низоми иттилоотии Қарздиҳанда бақайдгирифташуда мушаххас карда мешавад ва тасдиқ меёбад. Барои иҷрои тартиби мушаххаскунӣ дар низоми иттилоотии Қарздиҳанда ба Қарзгиранда пешакӣ бояд мушаххасоти дахлдор дода шавад (яъне, Қарзгиранда дар низоми иттилоотии Қарздиҳанда бояд ба қайд гирифта шавад);

**«Онлайн - Қарз»** – барномаи мобилии махсусгардонидашудаи

Қарздиҳанда (таъминоти барномавӣ) буда, ки барои ба Қарзгиранда имконияти пешниҳоди ариза барои гирифтани Транш, гирифтани тамоми маълумотро аз рӯи Траншҳои ба Қарзгир ҷудошуда, аз ҷумла маълумот оиди Ҷадвали пардохтҳо ва бақияи қарз аз рӯи ҳар як Транш, тавассути даромадан ба гузарвожа пешбинӣ карда шудааст. Барои истифодаи барномаи «Онлайн Қарз» байни Қарздиҳанда ва Қарзгиранда Созишномаи литсензионӣ барои истифодаи барномаи “Онлайн Қарз” баста мешавад. Барои ба барномаи «Онлайн Қарз»-и худ ворид шудан, ба рақами телефони мобилии тибқи ариза-дархост ба Қарздиҳанда пешниҳодшударо ва рамзи рақамии якдафъаинаро, ки ба таври автоматӣ дар шакли смс-хабар ба рақами телефони номбаршуда равон карда мешавад, Қарзгиранда бояд дуруст ворид намояд.

**Сомонаи Қарздиҳанда** - саҳифаи расмии Фонди Қарзии Хурди “ИМОН”, ки дар шабакаи Интернет дар суроғаи электронии http://imon-mcf.tj ҷойгир карда шудааст.

## ТАРТИБИ БАСТАНИ ШАРТНОМА

2.1. Бастани шартномаи мазкур бо роҳи ҳамроҳшавии Қарзгиранда мутобиқи моддаи 490 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ба воситаи пешниҳоди ариза-дархости шакли муқаррааргардида ба амал бароварда мешавад. Имзо гузоштани Қарзгиранда ба ариза-дархост ва пешниҳод намудани он ба Қарздиҳанда маънои онро дорад, ки Қарзгиранда бо шартҳои Шартнома ва замимаҳои он розӣ мебошад ва уҳдадор мешавад, ки онҳоро бе чунучаро иҷро менамояд.

## ТАРТИБИ КУШОДАНИ ХАТИ ҚАРЗӢ

3.1. Дар доираи Шартнома Қарзгиранда ҳуқуқ дорад, ки ба Қарздиҳанда бо аризадархост дар шакли ҳомили қоғазӣ, якҷоя бо ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи шахсият барои гузаштани амалиёти мушаххаскунӣ ва барои кушодани хати қарзии хурд муроҷиат намояд;

3.2. Бо пешниҳоди ариза-дархост ва тасдиқи он аз ҷониби кумитаи қарзӣ, Қарздиҳанда ба Қарзгиранда дар шакли хати барқароршавандаи қарзӣ бо ҳудуди қарзгирии то 50 000 сомонӣ ба муҳлати 48 моҳ барои истифодаи қарзҳои дар чаҳорчӯбаи хати қарзии мазкур пешниҳодшаванда (аз рӯи қарздории воқеӣ) хати қарзӣ мекушояд. Қарз ба Қарзгиранда аз рӯи қисмҳо — тибқи Траншҳо дар доираи ҳудуди қарзгирӣ дода мешавад. Муҳлати ҳар як қарз дар чаҳорчӯбаи хати қарзӣ 36 моҳро ташкил медиҳад.

3.3. Маблағҳои қарзии дар чаҳорчӯбаи хати қарзии мазкур пешниҳодшаванда бо ситонидани то 26% (Бисту шаш) фоизи солона (эътиборан) (дар ин ҷо меъёри фоизи кредит ва ҳам меъёри самаранокии фоизии солонаи кредит ба назар гирифта шудааст) дода мешавад.

3.4. Барои ҳисоб намудани фоизҳо аз рӯи қарз ба асос гирифта мешавад:

- миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 360 рӯз, агар муҳлати қарз то як сол бошад; - миқдори рӯзҳо дар соли тақвимӣ – 365 рӯз, агар муҳлати қарз зиёда аз як сол бошад.

3.5. Фоизҳо барои истифодаи қарз ҳармоҳа ба бақияи қарзи ҳар як Транш ҳисоб карда мешаванд. Ҳисобкунии мӯҳлати ҳисоб кардани фоиз барои истифодаи ҳар як Транш аз рӯзи ояндаи пас аз рӯзи додани Транш оғоз шуда, бо рӯзи баргардонидани чунин Транш (бо ҳисоби ин рӯз) анҷом меёбад.

3.6. Қарз ба Қарзгиранда бо мақсади қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти оилавӣ ва ё шахсӣ аз рӯи қисмҳо — тибқи Траншҳо дар ҳудуди қарзгирӣ, мувофиқи тартиб ва шартҳои Шартнома пешбинишуда дода мешавад.

3.7. Мутобиқи Шартнома бо дархости Қарзгиранда маблағи қарз аз ҷониби Қарздиҳанда ба Қарзгиранда ба таври якбора ё давра ба давра дода мешавад. Ҳангоми пурра ё қисман аз тарафи Қарзгиранда рӯйпӯш намудани қарз аз рӯи ҳар кадом Транш, Қарзгиранда ҳуқуқ дорад аз Қарздиҳанда Траншҳои иловагӣ гирад, агар қарзи гирифтаи Қарзгиранда аз рӯи тамоми Траншҳо ҳадди муайяншудаи ҳудуди қарздории тибқи банди 3.2 Шартнома муайяншударо нагузарад.

3.8. Додани маблағи қарз танҳо пас аз ирсол намудани ҳамаи ҳуҷҷатҳои дахлдор барои гирифтани қарз ва бо шарти ҳатмии имзо мондани аризадархости ҳамроҳ шудан ба Шартнома дар муддати 10 рӯзи корӣ ба амал бароварда мешавад.

## РОҲҲОИ ҚАБУЛИ АРИЗА БАРОИ ПЕШНИҲОДИ ТРАНШ

4.1. Қисми барқароршавандаи маблағи қарз 20 000 сомониро ташкил медиҳад ва азнавбарқароркунӣ бо пешниҳоди аризаи Қарзгиранда сурат мегирад:

**4.1.1. Бо роҳи пешниҳоди ариза дар шакли ҳомили қоғазӣ:**

Қарзгиранда метавонад ба дафтари кории Қарздиҳанда барои гирифтани Транш бо ариза муроҷиат кунад. Дар ин ҳолат Қарзгиранда бояд ба Қарздиҳанда ҳамаи маълумот ва ҳуҷҷатҳои заруриеро, ки ба Қарздиҳанда барои додани Транш лозиманд, дар шакли хаттӣ пешниҳод мекунад.

**4.1.2. Бо роҳи пешниҳоди ариза тавассути барномаи “Онлайн қарз”:** Қарзгиранда метавонад тавассути истифодаи барномаи “Онлайн Қарз” бе муроҷиати бевосита ба Қарздиҳанда, барои гирифтани Транш ба Қарздиҳанда бо ариза муроҷиат кунад.

Барои ин дар барномаи “Онлайн Қарз” аз тарафи Қарзгиранда ҳамаи маълумот барои гирифтани Транш дар шакли электронӣ пур карда шуда, ҳуҷҷатҳои заруриеро, ки ба Қарздиҳанда барои додани Транш лозиманд, боргирӣ карда мешавад. Аз ҷониби Қарзгиранда ворид намудани чунин маълумотҳо ба барномаи “Онлайн Қарз”, аз тарафи Қарздиҳанда ҳамчун дархости бевоситаи Қарзгиранда ба Қарздиҳанда барои гирифтани Транши дахлдор эътироф карда мешавад ва айнан ҳамон оқибатҳои ҳуқуқиеро, ки аз муроҷиати бевоситаи Қарзгиранда ба Қарздиҳанда бармеоянд, ба вуҷуд меорад.

4.2. Қарздиҳанда ҳуҷҷатҳо ва маълумотҳои Қарзгирандаро баррасӣ намуда, дар ҳолати қабули қарори мусбӣ оиди додани Транш ба Қарзгиранда, Маълумотномаи шартҳои асосии хати қарзӣ мувофиқи Шартномаи хати қарзи хурдро (минбаъд дар матн - Маълумотнома) омода менамояд. Дар Маълумотнома тамоми шартҳои додани Транш зикр карда мешаванд ва Ҷадвали пардохтҳо ба Маълумотнома замима карда мешавад. Дар ҳолати розигӣ бо тамоми шартҳои додани Транш, Қарзгиранда Маълумотнома ва Ҷадвали пардохтҳоро имзо мекунад. Рӯзи додани Транш, рӯзи имзо кардани Маълумотнома аз ҷониби Қарзгиранда ва Ҷадвали пардохтҳо аз ҷониби Тарафҳо мебошад.

## ТАРТИБИ БАРГАРДОНИДАНИ ҚАРЗ ВА ПАРДОХТИ ФОИЗҲО

5.1. Қарзгиранда ӯҳдадор аст, пардохти маблағҳои қарз ва фоизҳои ба он ҳисобшавандаро, на дертар аз соати 15:30 рӯзи муқарраркардаи Ҷадвали пардохтҳо ба иҷро расонад.

5.2. Иҷрои ухдадориҳо аз ҷониби Қарзгиранда ба таври ғайринақдӣ, тавассути таҷҳизотҳои техникии худхизматрасон (терминалҳои пардохтӣ, кортҳо, ҳамёни электронӣ ва дигар воситаҳои ҳисоббаробаркунӣ) пардохт карда мешавад. Пардохт дар ҳолати ба суратҳисоби Қарздиҳанда ворид гардидани маблағи пулӣ, супоридашуда ҳисоб карда мешавад.

## ҲУҚУҚ ВА ӮҲДАДОРИҲОИ ТАРАФҲО

6.1. Қарзгиранда ӯҳдадор аст:

6.1.1. Дар дархост-ариза маълумоти ҳақиқӣ ва мукаммалро пешниҳод намояд.

6.1.2. Маблағҳои қарзро фақат барои мақсадҳое, ки дар банди 3.6 Шартнома нишон додашуда, истифода барад.

6.1.3. Ба Қарздиҳанда ҳамаи ӯҳдадориҳои қарзии мавҷудбудаашро дар дархостариза ошкор намояд.

6.1.4. Қарзро мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо, сари вақт пардохт намояд.

6.1.5. Дар ҳолати сари вақт напардохтани маблағҳои пулии қарзи асосӣ ва фоизҳо, ҷаримаи аҳдшиканиро барои ҳар як рӯзи ба таъхир гузоштани мӯҳлати пардохт ҳисобшударо, пардохт намояд.

6.1.6. Ба Қарздиҳанда тамоми маълумоти молиявӣ, инчунин маълумот дар бораи мақсаднок истифода бурдани маблағи қарзро бо иловаи ҳамаи ҳуҷҷатҳои зарурӣ пешниҳод намояд.

6.1.7.Маблағҳои дар суратҳисоб/ҳамиёни электронӣ аз ҷониби Қарздиҳанда интиқол додашударо, бо риояи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ихтиёрдорӣ намояд;

6.1.8. На кам аз 1 (як) маротиба дар 1 сол маълумотҳои барои ҳамроҳшавӣ ба Шартнома пешниҳодшударо тасдиқ намояд. Мавҷуд набудани тасдиқоти мазкур маънои эътибornокии маълумотҳои ҳангоми ҳамроҳшавӣ ба Шартнома пешниҳодшударо дорад;

6.1.9. Дар сурати зарурият Қарзгиранда ҳамаи хароҷотҳо ва боҷҳои имконпазирро (ҳаққи суғуртакунӣ, баҳогузорӣ, хароҷоти нотариалӣ ва дигар хароҷотҳои ёрирасон), ки бо барасмиятдарорӣ ва бақайдгирии ҳамаи ҳуҷҷатҳои ба шартномаи мазкур алоқаманд вобаста мебошанд, аз ҳисоби худ мепардозад.

6.1.10. Дигар ухдадориҳое, ки дар Шартномаи мазкур ва инчунин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, иҷро намояд.

6.2. Қарзгиранда ҳуқуқ дорад:

6.2.1. Қарзро гирад ва онро ба мақсадҳои муайянкардашуда истифода барад.

6.2.2. Маблағи қарзи гирифтаашро қисман ва ё ба пуррагӣ мувофиқи шартҳои дар шартнома пешбинигардида пеш аз мӯҳлат бе ситонидани ноустуворона пардохт намояд.

6.2.3. Аз Қарздиҳанда маълумоти заруриро дар доираи иҷрои Шартнома талаб намояд;

6.2.4. Ба Қарздиҳанда бо хоҳиши бекор кардани Шартнома муроҷиат намояд; 6.2.5. Дигар ҳуқуқҳое, ки Шартномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

6.3. Қарздиҳанда ӯҳдадор аст:

6.3.1. Маблағи қарзро, дар муддати дар Шартномаи мазкур нишондодашуда (банди 3.8) пешниҳод намояд.

6.3.2. Аз Қарзгиранда маблағи қарзи додаашро то ба охир расидани мӯҳлати дар шартномаи мазкур нишондодашуда, қабул намояд.

6.3.3. Дар сурати аз ҷониби Қарзгиранда пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи маълумотҳои барои мушахаскунии Қарзгиранда лозима, аз бастани Шартнома даст кашад.

6.3.4. Сирри бонкиро махфӣ нигоҳ дорад, ба истисноӣ ҳолатҳое, ки чунин ифшокунӣ бо қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ
шудааст;

6.3.5. Дигар ухдадориҳое, ки дар Шартномаи мазкур ва инчунин дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, иҷро намояд.

6.4. Қарздиҳанда ҳуқуқ дорад:

6.4.1. Дар мавриди дилхоҳ мақсаднокии истифодабарии маблағи қарзро назорат намояд.

6.4.2. Дар ҳолати аз ҷониби Қарзгиранда иҷро нагардидани уҳдадориҳо тибқи Шартномаи мазкур, Қарздиҳанда ҳуқуқ дорад:

- қарзро иҷро нагардида эълон намояд;
- ӯҳдадориҳои худро нисбати қисми боқимондаи қарз, ки ҳоло ба Қарзгиранда пешниҳод накардааст бекор кунад;
- аз Қарзгиранда пеш аз мӯҳлат баргардонидани маблағи қарз ва фоизҳои ҳисобкардашударо талаб намояд;
- бо мақсади пардохти маблағҳои асосии қарз ва ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда мӯҳлати қарзро кам намояд;
- шартномаи мазкурро бо талаби пардохти маблағҳои пулии асосии қарз ва ӯҳдадориҳои ҳисобкардашуда, қатъ намояд;
- чораҳои дигари ҳуқуқиро мутобиқи талаботи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ намояд.

6.4.3. Дар ҳама ҳолатҳои дар банди 6.4.2. Шартнома номбаршуда Қарздиҳанда ӯҳдадор аст, ки Қарзгирандаро 5 рӯз пеш аз татбиқ намудани чорабинӣ ба тариқи хаттӣ огоҳ намояд.

6.4.4. Қарздиҳанда ба гузашт кардани талабот аз рӯи ӯҳдадорӣ мувофиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дорад.

6.4.5. Аз Қарзгиранда маълумот ва ҳуҷҷатҳои иловагиро бо мақсади мушаххаскунӣ ва дигар ҳолатҳо талаб намояд.

6.4.6. Эътимоднокии маълумотҳо ва ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Қарздиҳанда пешниҳодшударо тафтиш намояд.

6.4.7. Дигар ҳуқуқҳое, ки Шартномаи мазкур ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ намудааст, амалӣ намояд.

## МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО

7.1. Барои иҷро накардан ё номатлуб иҷро кардани шартҳои Шартнома, Тарафҳо мутобиқи Шартномаи мазкур тибқи талаботи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар ҳастанд.

7.2. Дар ҳолати сари вақт пардохт накардан ва ё пардохти нопурра, баъди ҳар як давраи навбатӣ, мувофиқи Ҷадвали пардохтҳо, аз Қарзгиранда ҷаримаи аҳдшиканӣ (ноустуворона) ситонида мешавад. Ҷаримаи аҳдшиканӣ ба андозаи 20% солона аз маблағи пардохти ба таъхир гузошташудаи Транш муқаррар ва ҳисоб карда мешавад.

7.3. Дар сурати дер ё нодуруст ба суратҳисоби Қарзгиранда гузаронидан маблағи қарз, Қарздиҳанда барои ҳар рӯзи таъхир ба Қарзгиранда аз рӯи маблағи муҳлати пардохташ батаъхирафтода мувофиқ ба меъёри бозтамвили Бонки миллии Тоҷикистон ҷарима медиҳад, ба истиснои ҳолатҳое, ки ин таъхирҳо бо сабабҳои нуқсониҳои техникӣ ба миён наомада бошанд.

## РОЗИГӢ БАРОИ ИСТИФОДАИ МАЪЛУМОТҲО

8.1. Дар баробари имзо намудани Шартномаи мазкур, Қарзгиранда барои ба Низоми иттилоотии

Қарздиҳанда ворид намудани маълумотҳои зерин дар бораи ӯ ва Шартномаи мазкур розигӣ медиҳад:

- маълумот дар бораи шахсияти Қарзгиранда – насаб, ном, номи падар, сол, моҳ, сана ва ҷинс, маълумотҳои шиноснома ва дигар маълумотҳои ҳуҷҷати тасдиқкунандаи шахсият, суроға (қайд, ҷои истиқомати воқеӣ), акси сурат, вазъи оилавӣ ва молу мулкӣ, сатҳи маълумот, касб, маълумот дар бораи шуғл, даромаду хароҷот, рақами телефон (мобилӣ, статсионарӣ, корӣ);
- маблағе, ки дар ҳудуди он Қарздгиранда метавонад қарз гирад.
- мавҷудият ва нишонии (реквизитҳо)-и суратҳисоб/ҳамёни электронии Қарзгиранда дар ташкилотҳои қарзии ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон.

8.2. Қарзгиранда розӣ аст, ки бо мақсади таъмин намудани бехатарӣ ва беҳтар намудани хизматрасонӣ, Қарздиҳанда сабти видеоиро дар дохили дафтари кории худ амалӣ менамояд.

8.3. Қарзгиранда розӣ аст, ки аз ҷониби Қарздиҳанда ба Бюрои таърихи қарз (дар Ҷумҳурии Тоҷикистон амалкунанда) дар бораи ӯ ва воқеияти аз ҷониби ӯ иҷро намудани ӯҳдадориҳо тибқи Шартномаи мазкур маълумот пешниҳод мегардад. Дар баробари пешниҳод намудани ариза-дархост оиди кушодани хати кредитӣ, Қарзгиранда розигии худро барои он медиҳад, ки маълумот дар бораи ӯ, инчунин иҷрои ӯҳдадориҳои ӯ тибқи Шартнома ба Бюрои таърихи қарз пешниҳод карда мешаванд.

## МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА ВА ТАРТИБИ ТАҒЙИР ВА БЕКОРКУНИИ ОН

9.1. Шартномаи мазкур аз санаи супоридани пул ба Қарзгиранда басташуда ба ҳисоб рафта, то ба пуррагӣ пардохт намудани қарз аз рӯи ҳамаи пардохтҳою ӯҳдадориҳои бо шартномаи мазкур муқарраршуда амал менамояд.

Бо созиши Тарафҳо дар доираи Шартномаи мазкур созишномаҳои иловагӣ, тағйирот ва иловаҳо, тамдиди шартномаи мазкур ва дигар аҳдҳои ду тарафа баста шуданаш мумкин аст, ки он қисми ҷудонашавандаи Шартномаро ташкил медиҳад.

9.2. Тағйирёбии андозаи фоиз, ки дар доираи Шартномаи мазкур ба самти пастшавӣ пешниҳод мешавад, огоҳии пешакии Қарзгирандаро талаб намекунад; 9.3. Шартномаи мазкур метавонад бо ташаббуси яке аз Тарафҳо мувофиқи қонунгузории амалкунанда бо шарти ба таври пурра аз ҷониби Тарафҳо иҷро шудани ӯҳдадории худ аз руи Шартномаи мазкур бекор карда шавад.

9.4. Қарзгиранда ҳуқуқ дорад, ки яктарафа Шартномаро бо пешаки на дертар аз 3 (се) рӯзи корӣ ба таври хаттӣ огоҳ намудани Қарздиҳанда бекор намояд.

9.5. Ҳангоми дар вақти бекор кардани Шартномаи мазкур мавҷуд будани амалиётҳои нотамоми баҳснок, Қарздиҳанда ҳуқуқ дорад баргардонидани маблағи баҳснокро ба муҳлати зарурӣ то қабул кардани қарори ниҳоӣ, мавқуф гузорад.

9.6. Бо ташаббуси Қарздиҳанда Шартнома бо пешакӣ огоҳ намудани Қарзгиранда ба таври хаттӣ (ё бо роҳи бевосита дастрас намудани огоҳи ба
Қарзгиранда ва ё бо дастрас намудани огоҳи тариқи электронӣ) бекор карда мешавад. Шартнома бо гузаштани 1 (як) моҳ аз лаҳзаи дастрас намудани огоҳӣ оиди бекор кардани Шартнома бекор гардида ҳисоб меёбад.

9.7.Бекоркунии Шартномаи мазкур маънои қатъи пешниҳоди хизматрасонии хати қарзи хурдро дорад.

## ШАРТҲОИ ИЛОВАГӢ

10.1. Бо мақсади шиносоии Қарзгиранда бо шартнома, шартномаи мазкур (аз ҷумла тағйироту иловаҳо ба Шартномаи мазкур ва ё таҳрири нави он) ва дар ҷойҳои зерин бо яке аз тарзҳо, ки ба Қарзгиранда имконияти шинос шуданро медиҳад, ҷойгир менамояд:

- бо ҷойгир кардани Шартнома дар сомонаи Қарздиҳанда;
- ба воситаи ҷойгир намудани маълумот дар гӯшаҳои иттилоотии дафтари кории Қарздиҳанда;
- ба воситаи низомҳои махсуси интернетӣ ва паёмакҳо;
- бо дигар роҳ ва усулҳои дастрас, ки Қарзгиранда тавонад бо он шинос шавад ва дарк намояд.

10.2. Бо хоҳиши Қарзгиранда матни Шартномаи мазкур метавонад, ба Қарзгиранда бо тарзи чопӣ (дар ҳомили қоғазӣ) барои шинос шудан пешниҳод карда шавад.

10.3. Дар ҳолати вафоти Қарзгиранда, ҳамаи ӯҳдадориҳое, ки аз рӯи шартномаи мазкур зимма дошт, мутобиқи талаботи қонунгузориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ворисони ӯ мегузаранд.

10.4. Ҳамаи ҳуҷҷатҳои аз ҷониби Қарзгиранда пешниҳодшаванда бояд дар таърихи пешниҳод шуданашон эътиборнок бошанд. Ҳуҷҷатҳое, ки пурра ё қисман ба забони хориҷӣ таҳия шудаанд, бояд аз тарафи Қарзгиранда бо тарҷумаи тасдиқшуда ба забони давлатӣ ба Қарздиҳанда пешниҳод гарданд.

10.5. Ҳуҷҷатҳои дар муносибати байни Қарздиҳанда ва Қарзгиранда истифодашавандае, ки ба тариқи электронӣ аз ҷониби Қарзгиранда ба Қарздиҳанда равон карда мешаванд, ҳангоми натиҷаи мусбии аутентификатсия ва мушаххаскунии Қарзгиранда, аз номи Қарзгиранда фиристонида шуда ҳисоб меёбанд ва ҳамчун баробар ба ҳуҷҷати қоғазии бо даст имзо гардида эътироф карда мешаванд ва ба ҳуҷҷатҳои дар ҳомили қоғазӣ будае, ки аз ҷониби Тарафи дахлдор бо дасти худ имзо шудаанд, баробар карда мешавад.

10.6. Қарзгиранда бояд дар давоми 3 (се) рӯзи корӣ Қарздиҳандаро оид ба тағйири маълумот дар бораи шахсияти Қарзгиранда, ки барои амалигардонии Шартнома заруранд ва ё қобилияти таъсир расониданро ба иҷрои ухдадориҳо тибқи Шартномаи мазкурро дорад бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиққунанда, Қарздиҳандаро хабардор намояд, ҳамчунин бо дархости хаттии Қарздиҳанда маълумотҳои номбуршударо дар муҳлати дар дархост муқарраршуда пешниҳод намояд;

## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

11.1. Ҳамаи дигар ҳолатҳое, ки дар Шартномаи мазкур пешбинӣ нашудаанд, мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешаванд;

11.2. Дар ҳолати пайдоиши баҳс байни Тарафҳо, ки аз рӯи Шартномаи мазкур бармеоянд, Тарафҳо ҳамаи чораҳоро доир ба ҳалли он андешида, баҳсҳоро бо роҳи гуфтушунид ҳал менамоянд, дар акси ҳол баҳсҳо мувофиқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳал карда мешаванд.

11.3. Ҳамаи муносибатҳои ҳукуқие, ки ба Шартнома алоқаманд мебошад ва ҳама гуна даъвоҳо, ки аз шартнома бармеоянд, бояд ба суди маҳалли ҷойгиршавии Қарздиҳанда пешниҳод шуда, баррасӣ карда шаванд.

11.4. Тарафҳо дар назди якдигар барои дар натиҷаи ба амал омадани ҳолатҳои қувваи рафънопазир (форс-мажор), ки тарафҳо онро пешгӯи ва бо чораҳои дастрас пешгирӣ карда

наметавонистанд, пурра ё қисман иҷро накардани уҳдадориҳо аз рӯи шартномаи мазкур ҷавобгар нестанд.

11.5. Ба ҳолатҳои қувваи рафънопазир ҳодисаҳое дохиланд, ки Тарафҳо ба он таъсир расонида наметавонанд ва ба сарзании онҳо Тарафҳо ҷавобгар нестанд, аз ҷумла: заминларза, обхезӣ, тӯфон ва дигар офатҳои табии, ҷанг, амалиётҳои ҳарбӣ, сӯхтор, садама, пандемия ва дигар ҳолатҳо, ки бо қарор ё фармоишҳои мақомоти давлатӣ тасдиқ ёфтааст.

11.6. Қарзгиранда метавонад тавассути рақами телефонии +992 92 8222353 ба шахси масъули хизматрасони Қарздиҳанда, ки бо мизоҷон корбарӣ менамояд, муроҷиат намояд. Дар ҳолати аз ҷониби кормандони Қарздиҳанда дағалона рафтор намудан ва дигар кирдорҳое, ки ба пастшавии сифати хизматрасонӣ ва поймолкунии ҳуқуқҳои Қарзгиранда оварда мерасонад, Қарзгиранда метавонад тариқи почтаи электронии info@mcf-imon.tj ба шахси масъули кор бо шикоятҳои Қарздиҳанда эътироз ва шикоятҳои худро пешниҳод намояд.

11.7. Маълумоте, ки ҳангоми бастан ва ё иҷрои шартномаи мазкур маълум мегарданд, махфӣ ҳисобида мешавад ва набояд бе розигии хаттии Тарафи дигар ба шахси сеюм расонида шавад ва ё бо мақсади баромадан аз чорчӯбаи матлаби шартнома истифода бурда шаванд (ба истиснои ҳолатҳои бо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шартномаи мазкур муқаррар шуда).

11.8. Дар ҳолати фавти Қарзгиранда, қабули қарори суд оид ба вафотёфта эълон намудан ва ё ғайри қобили амал донистани ӯ (бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои тасдиқкунанда), Қарздиҳанда ҳисобкунии минбаъдаи фоизҳоро қатъ намуда, маълумотро оид ба ҳамаи уҳдадориҳои Қарзгиранда бо дар назар доштани фоизи ҳисобшудаи қарз бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ ба кумитаи қарзӣ ва дигар мақомоти идоракунӣ: раёсат, шурои парасторон пешниҳод карда мешавад.

11.9. Қарзгиранда бо Шартномаи мазкур то ба имзо расидан шахсан шинос шудааст. Мазмун, талабот ва аҳамияти шартнома ба нияти Тарафҳо мувофиқат менамояд.

11.10. Маълумоти тамосии Қарзгиранда: ФҚХ «ИМОН». Суроғаи маҳалли ҷойгиршавӣ: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 19, хонаи 55. РМА 510016136. телефон: (+992) 92 822 23 53.

**Директори Фонди Қарзии Хурди "ИМОН"**
**Пулотова Муяссар Тоҷибоевна**
ш.Хуҷанд, маҳаллаи 19, хонаи 55
РМА 510016136